**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Забон баёнгари таъриху саргузашти инсоният аст. Забон – ҳодисаи иҷтимоист ва ташаккулу инкишофи он ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангии соҳибзабонон вобастагии зич дорад.

Илми наҳв барои шинохту муайян кардани иллату нуқси тарзи гуфтору баён, саҳеҳии он чун раҳнамо хизмат менамояд. Наҳв мизони каломи мансур аст. Яъне ҳамаи мушкилоти забониро ҳал менамояд.

Аз таҳқиқи осори насрии асри XI маълум гашт, ки насри ин давра сода ва равон буда, яъне холӣ аз беҳудагӯйиҳо ва калимаҳои сабукмаъно мебошад. Ин шева аз ибтидои пайдоиши насри форсӣ рушд меёфт ва дар асри XI дар тараққӣ ва такомул буд. Дар қатори дигар асарҳои насрии асри XI «Қобуснома»-и Амир Унсурулмаолии Кайковус низ ба шеваи сода ва дилпазир навишта шудааст. Ба ғайр аз содагиву равонии забон «Қобуснома» асари ахлоқӣ буда, аҳаммияти тарбиявӣ низ дорад.

Бори нахуст дар забоншиносии тоҷик “Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус” аз тарафи Давлатов Абдулмаҷид Нурович мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки оид ба вижагиҳои наҳвӣ, яъне тарзи ибораороӣ, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаю мураккаби насри асри XI дар асоси маводи «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус пажуҳише анҷом диҳад.

Мақсади асосии муҳаққиқ, вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- баррасии вижагиҳои ибораороӣ дар «Қобуснома»;
- нишон додани воситаҳои ифодаи алоқаи наҳвии ҷумлаи сода дар «Қобуснома»;
- муайян кардани вижагиҳои сараъзо ва аъзои пайрав дар асар;
- таҳқиқи ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» аз рӯйи маъно, оҳанг ва

сохт;

- муайян намудани вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаб дар «Қобуснома»;
- нишон додани вижагиҳо дар корбурди банди наҳвӣ;
- фарқи хусусиятҳои наҳвии «Қобуснома»-и аз забони муосир.

Дастовардҳои илмии ин таҳқиқ дар ҳалли як қатор масоили назариявии наҳви забони адабии муосири тоҷик судманд аст. Ҳамчунин муқоисаи маводи таҳлилгардида барои муайян кардани раванди инкишофи воҳидҳои наҳв, ба мисли ибора, ҷумла дар давраҳои гуногун аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Низоми муайянгардидаи таҳлили наҳвии забони «Қобуснома» барои таҳқиқи минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун асос ва замина хидмат намояд.

Дар фишурдаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳаммияти илмию амалии рисола, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертатсия аз ду боб фаслҳо ва зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар диссертатсия 5 расму 6 диаграмма оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» унвон дошта, дар он сухан аз бобати вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода рафтааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Ҷумлаҳои мураккаб дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» ба таҳқиқи хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаб бахшида шудааст. Истифода аз ин воҳиди нисбатан тому муташаккили нутқ ба салиқаю маҳорат ва ҳунари сухангустарии нависанда вобаста мебошад. Дар «Қобуснома» дараҷаи истеъмоли ҷумлаи мураккаб бартарӣ дорад.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқи мазкур дар баробари ин ҷиҳатҳои мусбат аз камбудиҳо низ орӣ нест:

1. Аз ҷумла, дар фишурда барои таҳлилҳо доираи на онқадар васеи дастурҳои таълимӣ истифода гардидааст.
2. Дар баъзе ҷойҳои кор хатоҳои техникӣ низ дида мешавад: (9, 11, 19).
3. Рақамгузории саҳифагӣ – фишурда бо забони тоҷикӣ, ки тамом шуд,

авторефераты русӣ бо рақами 1 (як) бояд сар шавад.

Аммо ин камбудиҳо арзиши аслии фишурдаро кам накардаанд. Аҳаммияти дигари таҳқиқи ин мавзуъ дар он аст, ки қолабҳои таърихан мустаъмали ҷумлаҳои содаю мураккаб муайян ва равшан карда шудааст, ки барои илми наҳви муосири тоҷик хеле судманд аст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович кори баанҷомрасида ҳисобида, мақола ва маводи ба чоп расонидаи муаллиф бо мавзуи таҳқиқ мувофиқат менамояд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки фишурдаи рисолаи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи «Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ арзишманд аст.

Муқарриз, н.и.ф., дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва журналистикаи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим
Улуғзода: Насруллоев М.
«30» апрели соли 2024

Тел.: 992 934055255
Email: nasrullozoda@jmail.com
ш. Душанбе, н. Сино, к. Зарафшон,
24, х. 141.

Имзои н.и.ф., дотсент Насруллоев М.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода: Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот дар бораи иртибот:
734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи
Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Телефон: (+992 37) 232 50 00;
E-mail: info@ddzt.tj
«30» апрели соли 2024